«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
_____ Раҳмон Д. С.
«29» 01 соли 2025

ХУЛОСАИ

Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» протоколи №6/3 аз 29.01.2025

Оид ба кори диссертатсионии Абдуллозода Хусрав Абдулло дар мавзуи «Муаммоҳои рушди инфрасохтори деҳот ва роҳҳои ҳалли он (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050608 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ).

Абдуллозода Хусрав Абдулло соли таваллудаш 03.01.1993, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2015 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро бо ихтисоси менеҷмент хатм намудааст. Соли 2015 ба шуъбаи магистратураи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз рӯйи ихтисоси менеҷменти иҷтимоӣ дохил гардида, соли 2017 онро хатм намудааст. Соли 2018 ба шуъбаи докторантураи (PhD)-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳуҷҷатҳояшро супорида, соли 2021 шуъбаи докторантураи (PhD)-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт бомуваффақият хатм намудааст.

Аз 27.08.2017 то 01.02.2025 ба ҳайси ассистенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва аз 01.02.2025 то ин ҷониб ба ҳайси муаллими калони кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ кору фаъолият менамояд.

Роҳбари илмӣ: Ҳодиев Дадахон Абдуллоевич, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Муқарризон:

Шарифов Зариф Раҳмонович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур;

Фатҳуллозода Абдухолиқ Фатҳулло н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ»;

Шарипова Файзигул Давлатмадовна н.и.и., дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ»;

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот. Пас аз пошхӯрии ИҶШС дар ҳудуди собиқ кишварҳои шуравӣ паст гардидани сатҳи соҳаи кишварзӣ мушоҳида карда шуд, ки он дар зери таъсири бевоситаи омилҳои ҳам иқтисодӣ ва ҳам хусусияти иҷтимоӣ дошта ба вуқуъ пайваст. Пасомадҳои буҳронҳои иқтисодӣ, тағйирёбии қурби асъорҳо, баланд гардидани нарху навои маҳсулот, равандҳои такрорёбандаи муҳоҷират ва дигар омилҳое, ки дар ин муддат ба вазъи иқтисодии хоҷагии қишлоқ таъсири бевосита расониданд.

Ҷаҳони муосир бо воридшавии босуръати технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ба ҳама соҳаҳои ҳаёти инсонӣ, аз ҷумла соҳаи кишоварзӣ тавсиф карда мешавад. Инфрасохтори иҷтимоӣ сатҳи тағйирёбии минтақаҳои деҳотро таҷассум намуда, ба чунин паҳлуҳои ҳаёти инсонӣ таъсири бевосита мерасонад, аз ҷумла муҳоҷирати байнисоҳавӣ ва байниминтақаҳо, имконияти таҳсил намудан ва идомаи таҳсил, бозомӯзӣ, сатҳи самаранокии истифода намудани захираҳои меҳнатӣ, шароити иҷтимоӣ, яъне бо суръат ташаккулёбӣ, пайвастшавӣ ва ҷамъшавии неруи инсонӣ дар соҳаи аграрӣ.

Инфрасохтори иҷтимоӣ муҳити зист ва шароити мусоиди рушди сармояи инсониро муайян карда, масъалаи муҳимми илм ва амалияи таъмини сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, хусусан дар шароити деҳот ба ҳисоб меравад. Стратегияи диверсификатсияи иқтисодиёти кишоварзӣ, ки айни ҳол дар ҷумҳурии мо дар амал татбиқ шуда истодааст, тақозо менамояд, ки сатҳи инкишофи инфрасохтори иҷтимоии деҳот ба дараҷаи лозимӣ баланд бардошта шавад. Мазмуни асосии иқтисодии инкишофи инфрасохтори иҷтимоии деҳот таъмини ҷаззобияти кору фаъолияти меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ мебошад. Яъне ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои стратегияи диверсификатсияи иқтисодиёти кишоварзӣ, мутаносибан, бояд инфрасохтори иҷтимоии деҳот низ инкишоф дода шавад.

Бодарназардошти саъю талошҳои пайвастаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти дастгирии давлатии ташаккул ва рушди инфрасохтори муосири иҷтимоии кишвар тавассути сафарбаркардаи

маблағгузории аз ҳисоби буҷети сатҳҳои гуногун, ҳамоно ҳам мушкилот дар самти рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ба вижа дар деҳоти ҷумҳурӣ назаррас боқӣ мемонад.

Далел ин аст, ки аксари аҳолии деҳот ҷиҳати таълим, муолиҷа, таъмири воситаҳои рӯзгор ва қонеъгардонии талаботи иҷтимоию иқтисодии худ ба маркази ҷумҳурӣ шаҳри Душанбе ва маркази вилоятҳо сафар мекунанд, ки барои онҳо хело гарон меафтад. Аз ҷониби дигар, сатҳи поини инкишофи инфрасохтори иҷтимоии деҳот ҷаззобияти кор ва фаъолияти иқтисодиро дар ҳудудҳои деҳот коҳиш медиҳад ва боиси кӯчиши мардум ба шаҳрҳои бузургтар мегардад. Ҳамчунин, маҳз поин будани сатҳи инкишофи инфрасохтори иҷтимоии ҳудудҳои деҳот боиси фирори мағзҳо ва кӯчидани кадрҳои мутахассис аз деҳот, бахусус муҳоҷирати ҷавонон аз деҳа ба шаҳр масъалаи мубрам гардида, аслан ҷавонони синни аз 18 то 35 сола, ки аҳолии қобили меҳнат ва зеҳнӣ ба ҳисоб мераванд, ба ин раванд шомиланд. Иддаи асосии муҳоҷирати ақлонӣ, ки аз деҳоти кишвар имрӯз ба таври фаъол ҷараён дорад, бо сабабҳои мавҷуд набудани шароитҳои зарурии маишиву корӣ ва ангезаҳои ишғоли мансабҳои давлатӣ дар қисмати минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ нишонагирӣ мекунад.

Бояд гуфт, ки инфрасохтори иҷтимоӣ аз маҷмуи соҳаҳое таркиб ёфтааст, ки бо дараҷаи танзим ва дастгирии давлатӣ фарқ мекунанд. Аммо, мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки бахшҳои ба таври анъанавӣ бо инфрасохтори иҷтимоӣ алоқаманд, дорои хусусияти муштаракро ба истеъмолкунандагон доро мебошанд ва объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ дар ҳар минтақа фарқкунандаанд. Аз ин рӯ, таҳлил, омӯзиш, муқоиса ва ташкили ин инфрасохтор дар минтақа мубрам донистан зарур аст. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.

Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм. Таҳқиқи диссертатсионӣ бо барномаҳои давлатии «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Консепсияи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2006, №783», Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи рушди иқтисодии иҷтимоии вилояти Хатлон барои солҳои 2021-2025, стратегияҳо ва барномаҳои давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ҳадафҳои дарозмуҳлат ва афзалиятҳои рушди кишвар, ки аз ҷониби Президенти мамлакат дар паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2018-2021 ироа шудаанд ва

инчунин нақшаи илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ алоқаманд мебошад.

Мақсади диссертатсия омӯзиши асосҳои назариявию методии такмили механизми рушди инфрасохтории иҷтимоии деҳот ва муаммоҳои онро дар вилояти Хатлон дар бар мегирад.

Вазифаҳои диссертатсия иборат аст аз:

- арзёбии асосҳои назариявию методии такмили механизми рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот;

- омӯзиши омилҳои таъсиррасон ба раванди такмил ва ташаккули инфрасохтори иҷтимоии деҳот;

- баҳодиҳӣ ва арзёбии вазъи муосири инкишофи инфрасохтори иҷтимоии деҳот дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- арзёбии вазъ ва тамоюли афзоиши талаботи аҳолии деҳот ба хизматрасониҳои соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, варзиш, илм ва хизматрасониҳои илмӣ) дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- пешниҳоди самтҳои афзалиятноки такмил ва ташаккули инфрасохтори иҷтимоии деҳот дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-асосноккунии механизми ташаккулдиҳии муҳити мусоиди иттилоотию коммуникатсионии минтақаҳои деҳоти вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Объекти таҳқиқот - ин механизми ташкилии таъмини инкишофи инфрасохтории иҷтимоии деҳот дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Мавзуи таҳқиқот масъалаҳои назарияви ва амалии таъмини инкишофи инфрасохтории иҷтимоии деҳот дар вилояти Хатлон ба шумор мераванд.

Асосҳои назариявии таҳқиқот асосҳои назариявии таҳқиқи диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанд ҷанбаҳои назариявии татбиқи принсипҳои асосии такмилдиҳии механизми рушди инфрасохтори деҳотро тақвият бахшад ва заминаи инкишофи методии идоракунии низоми такмилдиҳии механизми рушди инфрасохтори деҳотро дар сатҳҳои мухталифи идоракунӣ фароҳам оварад.

Пойгоҳи таҳқиқот. Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ таҳия гардидааст.

Навгонии илмии таҳқиқот дар асоснок намудани ҷанбаҳои назариявию методии самтҳо ва имкониятҳои такмили механизми рушди инфрасохтории иҷтимоии деҳот ва арзёбии чорабиниҳои рушди инфрасохтории иҷтимоии деҳоти вилояти Хатлон сурат мегирад. Навгониҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда аз қисматҳои зерин иборат аст:

-асосҳои назариявии инкишофи рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот муайян ва таҳия карда шуданд. Арзёбии равишҳои муайяншуда ва консепсияи рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот дар асоси баррасии таърифҳои мавҷуда ҷиҳати самтгирӣ барои фароҳам овардани шароити муосир барои зиндагии мардум, аз ҷумла шуғли он фарқ мекунад, инчунин рушди устувори соҳаи кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқавории давлат ва деҳоти кишвар зарур аст, сурат гирифтааст.

- омилҳои рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот муайян карда шуда, усули пешниҳодшудаи интихоби меъёрҳо бо назардошти сатҳ, хусусият ва самтҳои таъсир (иқтисодию сиёсӣ, ҳуқуқию молиявӣ, институтсионалию иҷтимоӣ, экологию демографӣ) арзёбӣ шудааст;

-усули консептуалӣ оид ба рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар деҳоти минтақа асоснок карда шудааст, ки хусусиятҳои он вобаста кардани мушкилоти рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар деҳот ба афзалиятҳои миллӣ, ҳамгироӣ, ягонагии механизми идоракунӣ, арзёбии афзалиятҳо, беҳдошти раванди маблағгузорӣ, ёфтани роҳи ҳалли мушкилоти рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва истифодаи самараноки замин муайян карда шудааст;

- дар асоси арзёбии ҳаматарафа механизми ташкилӣ ва иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар деҳот таҳия карда шудааст, ки он ба рушди устувори ин инфрасохтор барои мақсадҳои иҷтимоӣ мусоидат мекунад,

- маҷмуи тадбирҳо оид ба беҳтар намудани истифодаи заминҳои иҷтимоӣ дар деҳот таҳия шудааст. Хусусияти равиши муаллиф таъкид кардани бартараф кардани зиддиятҳои манфиатҳои иқтисодӣ ва таъсири манфии амалҳои субъектҳои алоҳида ба рушди истифодаи заминҳои иҷтимоӣ дар минтақаҳои кишоварзӣ мебошад. Тавсияҳо доир ба бартараф намудани камбудиҳои мавҷуда, дастгирии рушди заминҳои

мақсадноки иҷтимоӣ дар деҳот бо назардошти истифодаи захираҳои замин ва инфрасохтори иҷтимоии деҳот таҳия карда шудааст;

- асосноккунӣ ва пешниҳоди самтҳои афзалиятноки беҳтар кардани инфрасохтори иҷтимоии деҳот ба сомон расонида шудааст, ки онҳо дар заминаи истифодаи оқилонаи замин; таъмини шуғли пурсамари аҳолии деҳоти вилояти Хатлон арзёбӣ гардидааст.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

- таҳлил ва баҳодиҳии ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот дар пасманзари консепсияҳои асосии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ;

- дар сатҳҳои миллӣ ва минтатқавӣ ошкор ва муайян намудани омилҳое, ки ба рушду инкишофи инфрасохтори иҷтимоии деҳот таъсири аввалиндараҷа мерасонанд;

- арзёбии механизми рушди босуботи инфрасохтори иҷтимоӣ дар деҳоти кишвар ва қаламрави фаъолияткунанда пешниҳод шудааст;

- дар асоси бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта пешниҳоди чораҳо барои беҳтар намудани истифодаи заминҳои иҷтимоӣ дар деҳот асоснок гардидааст;

- амсилаи инкишофи инфрасохтори иҷтимоии деҳот дар минтақа пешниҳод карда шудаст;

- асосноккунӣ ва пешниҳоди механизми ташаккулдиҳии муҳити мусоиди иттилоотию коммуникатсионии деҳоти вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқи диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанд ҷанбаҳои назариявии татбиқи принсипҳои асосии такмилдиҳии механизми рушди инфрасохтори деҳотро тақвият бахшад ва заминаи инкишофи методии идоракунии низоми такмилдиҳии механизми рушди инфрасохтори деҳотро дар сатҳҳои мухталифи идоракунӣ фароҳам оварад. Аҳаммияти амалии таҳқиқи диссертатсионӣ. Тавсияҳои илмию амалӣ, ки дар асоси натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсия ба даст омадаанд ба такмилдиҳии механизми рушди инфрасохтори деҳот, коркарди тавсияҳо ва дастурамалҳои муассир ҷиҳати такмилдиҳии механизми рушди инфрасохтори деҳот дар вилояти Хатлон мусоидат хоҳанд кард. Муқаррароти алоҳидаи таҳқиқи диссертатсиониро метавон дар ҷараёни тадриси фанҳои “Иқтисоди минтақавӣ”, “Менеҷменти КАС”, курси махсуси “Иқтисод ва идораи давлатӣ” ва ғ. истифода бурд.

Боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқро озмоишҳо, маълумоти боварибахш, хаҷми кифояи маводи таҳқиқ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқ ва маводи чопшуда тасдиқ менамоянд. Хулоса ва тавсияҳо бар таҳлили илмии натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқ асос ёфтаанд.

Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи тахассуси илмӣ. Диссератсияи мазкур бо бандҳои зерини Шиносномаи тахассусҳои КОА -и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи тахассуси 6D050608 Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ: 10. Асосноккунонии пешниҳодот ва дурнамои рушди комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ; 16. Масъалаҳои иқтисодии ташкил ва фаъолияти бизнеси хурд ва миёна дар КАС ва деҳот; 20. Рушди устувори кишоварзӣ ва соҳаҳои он, деҳот ва инфрасохтори иҷтимоӣ; 34. Ташаккул ва рушди КАС дар сохтори диверсификатсияи иқтисодиёти миллӣ; 39. Рушди устувори деҳот ва махсусиятҳои инфрасохтори иҷтимоии - он мутобиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаб. Таҳқиқи диссертатсионӣ мустақиман аз ҷониби муаллиф сурат гирифтааст. Муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда шахсан аз ҷониби муаллиф таҳия гаштааст. Мафҳуму моҳияти такмилдиҳии механизми рушди инфрасохтори деҳот дар шароити Тоҷикистон ва татбиқ намудани он низ аз ҷониби муаллиф мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ аз руйи мавзуи диссертатсия

а) дар маҷаллаҳои такризшаванди КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1- М] Хисрави А., Моҳият ва таснифи мафҳуми инфрасохтори иҷтимоӣ дар деҳот аз нигоҳи таҳқиқотчиёни хориҷӣ ва ватанӣ //Маҷаллаи иқтисодиёти бахши илмҳои иқтисодӣ. 2021.№1. саҳ 47-51. ISSN 2310-3957.

[2- М] ХисравиА., Ҳодиев Д. Ҷанбаҳои назариявии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот // Маҷаллаи иқтисодиёти бахши илмҳои иқтисодӣ. 2021.№1. саҳ 87-92. ISSN 2310-3957.

[3- М] Хисрави А. Баҳогузорӣ ба ҳолати муосири инфрасохтори иҷтимоии деҳот дар вилояти Хатлон. // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолии “Кишоварз”-Душанбе: Донишгоҳи Аграрии Тоҷикистон, 2021.-№4 (93).- С.220-225.ISSN 2074-5435.

[4- М] Абдуллозода Х.А. Таъмини самараноки истифодабарии замин дар ҳудудҳои деҳот бо мақсади бунёд ва истифодаи объектҳои иҷтимоӣ // Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2023-№1 (60). - С.132-139.ISSN 2664-0651.

б) Интишорот дар дигар нашрияҳо:

[5- М] Хисрави А. Абдуллоев С. Асосҳои назариявии ташаккул ва рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот// Маҷаллаи илмии «Муҳаққиқ». Кӯлоб, 2020.- саҳ.14-17.

[6- М] Хисрави А. Таҳлили даромадҳо ва сатҳи зиндагии аҳолии деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон// Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии умумидонишгоҳӣ миёни магистрантон ва докторантони PhD-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Кӯлоб, 2020.- саҳ.107-111.

[7- М] Абдуллозода Х.А. Рушди инфрасохор дар деҳот ва принсипҳои асосии ташаккулёбии он// Ташаккули бахши молиявии ҶТ ва нақши он дар рушди истифодаи иқтисоди миллӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ. Кӯлоб, 2022.- саҳ.517-519.

[8- М] Абдуллозода Х.А. Нақш ва истифодабарии захираҳои замин дар ҳудудҳои деҳот бо мақсади бунёд ва истифодаи объектҳои иқтисодию иҷтимоӣ// Рушди системаи идоракунии инноватсияҳо дар корхонаҳои саноатӣ. Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар ҳошияи саноаткунонии босуръати кишвар ва эълон шудани солҳои 2022-2026 ҳамчун солҳои рушди саноат. Кӯлоб, 2023.- саҳ.123-126.

[9- М] Абдуллозода Х.А. Таҳлилҳои воқеии инфрасохтори иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводи конфренсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Таъсири омилҳои экологӣ ва тағйирёбии иқлим”.Кӯлоб-2024,С.21-24

[10- М] Абдуллозода Х.А. Омилҳои муайянкунандаи раванди ташаккули инфрасохтори иҷтимоии деҳот//Масоили муҳимми таъмини амнияти иқтисодии Тоҷикистон ва кишварҳои ҷаҳон дар шароити муосир. Маводи конфренсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ. Кӯлоб, 2023.- саҳ.476-482.

[11- М] Абдуллозода Х.А. Рушди босуботи соҳибкорӣ дар деҳот//Муаммоҳои муосири баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар шароити ғаиринақдикунонии пардохтҳо. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии умумидонишгоҳӣ миёни магистрантон ва докторантони PhD-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Кӯлоб, 2024.- саҳ.148-150.

Аз натиҷаи баррасии кори таҳқиқи доктори фалсафа (PhD) Абдуллозода Х.А. дар ҷаласаи васеи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва

соҳибкории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ чунин

ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Абдуллозода Хусрав Абдулло, ки дар мавзуи «Муаммоҳои рушди инфрасохтори деҳот ва роҳҳои ҳалли он (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050608 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ) пешниҳод шудааст, кори баитмомрасидаи илмӣ буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба Тартиби додани дараҷаи илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267) ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Абдуллозода Х.А. дар мавзуи «Муаммоҳои рушди инфрасохтори деҳот ва роҳҳои ҳалли он (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050608 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ) бо назардошти ислоҳи камбудиҳои ошкоргардида ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-016-и назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур пешниҳод карда шавад.

Қарор дар ҷаласаи васеи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, протоколи №6/3 аз «25» 01 соли 2025 қабул гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳии кушод: «тарафдор» – 16 нафар; «зид» – нест; «бетараф» – нест.

Раиси ҷаласа,
номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсенти
кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва
соҳибкории ДДК ба номи А.Рӯдакӣ Расулзода Л.Н.

Котиби ҷаласа, муаллими калони
кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва
соҳибкории факултети иқтисод ва идора Мирзоев Т.З.

Имзоҳои Расулзода Л.Н. ва
Мирзоев Т.З.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ-и Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Ф.А.